**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Ғафурова Ҷамила Музаффаровна дар мавзуи "Мирзо Сиддиқи Фано ва доираи адабии Истаравшан дар нимаи дувуми асри XVIII аввали асри XIX", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (6.2.15 - Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар шакли пароканда вуҷуд доштани гузоришҳо ва пажӯҳишҳо роҷеъ ба масъалаи марказии диссертатсияи пешниҳодшуда ва инчунин, дар доираи дигар масъалаҳои таъриху фарҳанг ҳаллу фасл шудани онҳо гувоҳи мубрамии мавзуи **"Мирзо Сиддиқи Фано ва доираи адабии Истаравшан дар нимаи дувуми асри XVIII аввали асри XIX"** мебошанд. Танҳо бо пажӯҳиш ва ковишҳои муттасил метавон саҳифаҳои норӯшани афкору андешаи намояндагони адабиёти тоҷикро рӯшан сохт ва онҳоро бештар дар хизмати ҷомеаи кунунӣ гузошт. Кори диссертатсионии Ғафурова Ҷамила Музаффаровнаро дар мавзуи "Мирзо Сиддиқи Фано ва доираи адабии Истаравшан дар нимаи дувуми асри XVIII аввали асри XIX" аз он ташаббусҳое маънидод кардан метавон, ки маҳз дар ошкор сохтани ҷанбаҳои пешқадами доираи адабии Истаравшан дар тули таърихи қариб 100-сола тавассути таҳлили жарф ва пажӯҳиши илмии осор ва андешаҳои яке аз намояндагони пешгоми ин доира – Мирзо Сиддиқи Фано анҷом гардидааст. Кори мазкур ҷамъбасти заҳмати чандинсолаи муаллиф буда, он гувоҳи истеъдоди унвонҷӯ дар анҷоми таҳқиқи илмӣ ба ҳисоб меравад. Муаллифи рисола дар вазифаҳои гуногуни таълиму тарбия ва масъулиятҳои расмӣ кор карда, ҳамеша бо корҳои илмӣ ва таҳқиқотӣ робитаи бевосита доштааст.

Ғафурова Ҷамила Музаффаровна соли 1983 ба факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (собиқ Донишгоҳи далатии Тоҷикистон) дохил шуда, онро соли 1988 бо ихтисоси муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм намуд. Фаъолияти кории ӯ чунин аст: солҳои 1988 -1994 мудири кабинети забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории ба номи А. Рӯдакии шаҳри Кӯлоб, аз соли 1994 дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикисточ ба ҳайси котиба-коргузор, лаборант, ассистент, методист - диспетчери факултети иқтисодиёти ҷаҳон ва ҳуқуқ, муаллими калони кафедраи таърих ва филология, муовини декан оид ба тарбияи факултети иқтисодиёти ҷаҳон ва ҳуқуқ, роҳбари бахши зан ва оилаи назди донишгоҳ, мутахассис оид ба бахши кор бо донишҷӯдухтарони раёсати корҳои тарбиявӣ, мудири шуъбаи фарҳанг ва осорхонаи донишгоҳ ва аз 1-уми октябри соли 2024 то ҳол сармутахассис дар бахши кор бо донишҷӯдухтарони раёсати корҳои тарбиявии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсияи анҷомдодаи Ғафурова Ҷамила Музаффаровна аз лиҳози шакл ва муҳтаво дар асоси талабот нисбати чунин корҳои илмӣ анҷом дода шудааст ва мақсаду вазифаҳо, объекту предмет, арзиши назариявӣ ва амалии он

дуруст муайян гардидаанд. Бояд қайд кард, ки муаллифи кор нисбат ба масъалаҳои муайян намудани мақсаду вазифаҳои мавзуи диссертатсионӣ ва алоқаи мантиқии онҳо бо предмету объекти омӯзиш ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда таҳлили илмии сазоворро анҷом дода, хулосаҳои дурусти илмиро ба даст овардааст. Усули таҳлил ва заминаҳои методологии кор барои ҳалли мавзуи марказии диссертатсия дуруст интихоб гардидаанд. Дар зимн мувофиқатии шакли диссертатсияро ба корҳои илмии ҳамсон ба таври фишурда зикр намуда, саҳми унвонҷӯйро дар натиҷагириҳои дурусти илмӣ таъкид мекунем.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, 3 боб, 10 фасл, 5 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шуданд.

Мусаллам аст, ки таҳлили ҳар як мавзуи адабиётшиносӣ бояд, пеш аз ҳама, дар ҳамбастагии зич бо муҳити сиёсиву иҷтимоии ҳамон давр анҷом шавад, зеро камолу заволи фарҳанги ҷомеа маҳз ба ҳамин ду унсури дигар вобаста аст. Аз ин лиҳоз, унвонҷӯй **боби аввали** корашро ба таҳлили **вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннахр дар нимаи дувуми асри XVIII ва нимаи аввали XIX** ихтисос ва дар се фасл мавриди баррасӣ қарор додааст.

"*Вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии Мовароуннаҳр дар нимаи дувуми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX*" фасли аввали боб буда, он ба таҳлили таҳаввулоти таърихӣ ва адабии Мовароуннахр, ки дар заминаи дигаргуниҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд омада буданд, бахшида шудааст. Барои муайян намудани тарафҳои гуногуни вазъи адабӣ ва муҳити фарҳангии Истравашан дар давраи зикршуда, муаллифи тавонистааст ба таври фаровон аз манбаъҳои таърихӣ ва асарҳои илмӣ баҳра гирад ва пешомадҳои таъсир ба фарҳангу тамаддуни ҷомеаро муайян созад. Ин пешомадҳо дар диссертатсия бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудаанд.

Мавзуи "*Фарҳанг ва ҳунар дар нимаи дувуми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX*" дар фасли дувуми ҳамин боб баррасӣ шудаст ва тамоми таҳлилҳои масъаларо муаллифи кор дар доираи ду раванд анҷом медиҳад: 1) таназзули ҳунару ҷанбаҳои фарҳанги асил, ки бинобар вазъи сиёсию иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба вуҷуд омада буд ва 2) таҳаввули унсурҳои фарҳангӣ дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла, ба вуҷуд омадани асарҳои таърихии мондагор, таваҷҷуҳи аҳли ҳунар ва фарҳанг ба манзалати забони тоҷикӣ, рушди шаклҳои гуногуни санъат (хаттотӣ, наққошӣ, рассомӣ, саҳҳофӣ), пешравиҳои касбу ҳунар (оҳангарӣ, заргарӣ, сӯзангарӣ, зардӯзӣ, хаётӣ, камонгарӣ, кулолӣ), рушди санъати театрӣ дар шакли намоишҳои кӯчагии ҳунармандони масхарабозу дорбоз ва намоишномаи лухтакбозон, дар миёни омма мавқеи зиёд пайдо намудани асбобҳои гуногуни мусиқӣ (най, сурнай, танбӯр, дутор, сетор, ғижжак, доира, нақора), ки тавассути онҳо дар тӯйу тамошоҳо намунаҳои зиёди адабӣ иҷро ва паҳн мегардиданд.

Фасли сеюми боби аввали диссертатсияро, ки "*Доираҳои адабии Мовароуннаҳр ва умдатарин хусусиятҳои адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX*" унвон дорад, метавон мундариҷаи кори диссертатсионӣ номид, зеро аз ҳамин фасл сар карда, мавзуи марказии рисола мушаххас мегардад. Бо истифодаи фаровон аз манбаъҳои илмӣ унвонҷӯ тавонистааст роҳҳои дурусти таҳаввули адабиёти ин давра, пайдоиши доираҳои адабӣ ва тарзи фаъолияти онҳоро муайян намояд. Арзиши ин фасл боз дар он аст, ки унвонҷӯ хусусиятҳои ягонаи рушди адабиёт ва доираҳои адабиро бо шумули мушаххас сохтани муносибати онҳо ба баъзе аз жанрҳои адабӣ муайян намудааст.

Дар боби дуюми кори диссертатсионӣ, ки **"Доираи адабии Истаравашан дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX"** унвон гирифтааст, ду масъалаи асосӣ дар шакли ду фасл мавриди пажӯҳиш қарор дода шудаанд.

Ҳадафи фасли аввали боби дуюми рисоларо унвонҷӯ нишон додани дастовардҳо ва камбудиҳои таҳқиқи масъала муайян намудааст ва он "*Дараҷаи омӯхта шудани доираи адабии Истаравшан дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX*" номгузорӣ шудааст. Муаллифи рисола маводди зиёди илмиро дар ихтиёр доштааст, ки барои мутолиа ва муқоисаи мавзуи кор аҳаммияти аввалиндараҷаро касб кардааст. Сабки ҳиндӣ бо хусусиятҳои хоси худ то ба ҳол ҳам яке аз масъалаи матраҳ ва мубрами илми адабиётшиносии тоҷик маҳсуб мешавад.

Фасли дуюми боби дуюми диссертатсия, ки ба "*Таъсири сабки ҳиндӣ ба ашъори шоирони доираи адабии Истаравшани нимаи дувуми қарни XVIII ва нимаи аввали асри XIX ва зуллисонайн дар ин давра*" ихтисос дода шудааст, барои ҳаллу фасли на танҳо мавзуи рисола, балки, умуман, барои масъалаи дар боло зикршуда аҳаммияти зиёди илмӣ дорад. Ҷолиб аст, ки муаллифи рисола тақлид аз сабки Бедилро барои намояндагони адабиёти Истаравшани давраи мавриди таҳқиқ барои баёни нозукиҳои аз ҷиҳати маъно пурпечутоб нагуфта, балки онро иншои образу суханони тару тоза бар асоси воқеияти мавҷуда қайд мекунад.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки "**Мирзо Сиддиқи Фано ва мақоми ӯ дар доираи адабии Истаравшан"** ном дорад, тарзи ҳаёт ва услубу усули эҷоди Мирзо Сиддиқи Фано, ки муаррифгари эҷодиёти кулли адибони дигари ҳавзаи адабии Истаравшан мебошад ва ҳамчун шоири соҳибдевони замони худ дар эҷоди жанрҳои гуногуни шеърӣ, махсусан, ғазал ва чистон навгониҳои хоси худро дорад, ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Дар **фасли аввали** боби сеюми кор ба зиндагиномаи шоир дахл шудааст, ки то анҷоми ин кори диссертатсионӣ ба таври бояду шояд тартиб дода нашуда буд. Барои ба натиҷаи дуруст расидан, муаллифи кор, пеш аз ҳама, кулли маълумоти дастрасро ҷамъоварӣ, мутолиа ва таҳлил намудааст.

Дар фасли дувуми боби сеюми кори диссертатсионӣ - "*Эҷодиёти Мирзо Сиддиқи Фано*" панҷ мавзуи муҳим ҳамчун зерфасл баррасӣ шудаанд. "*Маълумот роҷеъ ба ашъори дастраси шоир*" зерфасли аввали фасли дувуми

боби сеюми кор буда, арзиши илмии он дар ҷамъоварӣ, муқоиса ва муайян намудани ашъори шоир аз нусхаҳои девон мебошад. Дар натиҷа муайян шудааст, ки дар онҳо 1410 байт ашъори тоҷикӣ ва 881 байт шеърҳои ӯзбекӣ дар маҷмуъ 2291 байт ашъори Мирзо Сиддиқи Фано дар шаклҳои ғазал, мухаммас, рубоӣ, қитъа, соқинома ва чистонҳо гирд омадааст.

Зерфасли дуюми фасли сеюм дар мавзуи "*Мазмун ва мундариҷаи ғазалиёти Мирзо Сиддиқи Фано*" интихоб шуд. Ҷойи зикр аст, ки мавзуи баҳси ин зерфасл мувофиқи вазифаи он анҷом шудааст.

Мавқеъ ва муҳтавои соқиномаҳои шоир таҳти унвони "*Соқиномаҳо*" зерфасли сеюми фасли мавриди назарро фароҳам овардааст.

Зерфасли чоруми ин фасл ба таҳлили жанри қадимаи халқӣ ва китобии рубоӣ дар эҷодиёти Мирзо Сиддиқи Фано ихтисос дода шудааст. "*Муҳтавои мухаммасоти Мирзо Сиддиқи Фано*" бошад дар зерфасли панҷуми фасли дуюми боби дуюми кори диссертатсионӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Мавриди зикри махсус аст, ки муаллифи диссертатсия дар таҳлили мавқеи ҳар як жанри адабӣ дар эҷодиёти шоир ба теъдод, шаклу муҳтаво ва тарзи иншо ва забони он дахл кардааст. Метавон гуфт, ки ин фасли боб яке аз қисматҳои арзишманди диссертатсия буда, натиҷаҳои он барои тавсеаи пажӯҳиши ашъори намояндагони адабиёти ин давра арзиши илмӣ доранд.

Ҳамин тариқ, фасли сеюми боби сеюми кори диссертатсионӣ ба таҳлили "*Матн ва мазмуни ҳаётии чистонҳои Мирзо Сиддиқи Фано*" ихтисос дода шудааст. Мушоҳидаҳои муаллифи диссертатсия дар хусуси теъдоди чистонҳо дар ашъори шоир, хусусиятҳои онҳо, истифодаи санъатҳои бадеӣ дар эҷоди онҳо ва шаклу забони онҳо мавриди қайд ва сазовори таҳсин мебошанд. Инчунин, пайдо намудани теъдоде аз чистонҳои шоир дар сарчашмаҳои фолклорӣ арзиши илмии ин фаслро фузун сохтааст.

"*Образҳои тозаэҷод дар ашъори Мирзо Сиддиқи Фано*" фасли чоруми боби сеюми диссертатсия аст, ки дар он муаллиф кӯшиш намудааст, ки навгониҳои ҳунари шоирро дар ба вуҷуд овардани образҳои нав таҳлил кунад.

Роҷеъ ба **хулосаҳо**и кори диссертатсионӣ ҳаминро бояд зикр намуд, ки онҳо пурра ҷавобгӯйи мақсад ва вазифаҳои кор буда, нуқтаҳои асосии барои ҳимоя пешниҳодшударо асоснок менамоянд.

Натиҷаҳои илмӣ ва андешаҳои таҳлилии муаллифи диссертатсия дар шакли гузоришу маърузаҳои илмӣ дар симпозиум, конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ва сатҳи донишгоҳӣ мавриди ироа ва арзёбӣ қарор гирифтааст. Интишороти вобаста ба мавзуи марказии рисола, ки дар ҳаҷми 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5-то мақола дар нашрияҳои илмии пешбар, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Росия эътироф гардидаанд, гувоҳи пухтагии кор мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Ғафурова Ҷамила Музаффаровна дар мавзуи **"Мирзо Сиддиқи Фано ва доираи адабии Истаравшан дар нимаи дуюми асри XVIII аввали асри XIX"**, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсоинии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (6.2.15 - Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ,
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи назария
ва таърихи адабиёти Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Салими Хатлонӣ

«_2_» _декабри_ соли 2025

Суроға: 734064,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Муҳаммадиев 36, хонаи 21
Тел.: (+992) 883-00-11-54
E - mail:s_khatloni@mail.ru

Имзои Салими Хатлониро
тасдиқ мекунам: сардори раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 734019,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Муҳаммадиев 17/6.
ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода
Тел.: +992372325000; факс: +992372325003; сомона: www.dbz.tj
«_2_» _декабри__ соли 2025